Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 – и
назди Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон
(734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Ҳабибуллозода Муҳриддин Ҳабибулло дар мавзуи «Такмили механзими ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.10. – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ), пешниҳод карда шудааст.**

Мавзуи тадқиқотии интихобнамудаи Ҳабибуллозода Муҳриддин Ҳабибулло дар масъалаҳои такмили механзими ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ маънидод карда шудааст.

Бо таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ, рушди технологияҳои инноватсионӣ ва густариши иқтисоди рақамӣ равандҳои идоракунии давлатӣ, ки марбут ба пешниҳоди хизматрасониҳо ба аҳолӣ мебошанд, мураккаб мегарданд. Дар баробари ин, давлат ба хотири фароҳам овардани шароити баробар ба ҳар як фарди ҷомеа дар дастрасӣ ба хизматрасониҳои пешниҳодшаванда аз имкониятҳои технологияҳои инноватсионӣ бештар истифода мебарад. Гузашта аз ин, густариши рақобати бозорӣ ва воридшавии брендҳои байналмилалӣ боис гардидаанд, ки шаклҳои анъанавии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ тадриҷан мавқеи худро аз даст дода, таваҷҷуҳ ба рақамикунонии онҳо зиёд шудааст.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ хизматрасониҳои давлатии электронӣ яке аз ҳадафҳои калидӣ маҳсуб ёфта, тавассути фаъолияти пурсамари он амалӣ намудани омилҳо ва принсипҳои ташаккули иқтисоди рақамӣ васеъ паҳн шудааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин раванд дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор дошта, дар айни замон Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2040 қабул гардидааст, ки ин консепсия барои ташкил ва рушди фаъолияти рақамикунонии иқтисодиёт асос ва заминаи ҳуқуқӣ шуда метавонад. Бинобар ин, бояд зикр намуд, ки ақидаҳои мазкур мубрамияти мавзуи интихобгардидаро, ки самти хизматрасониҳои давлатии электрониро дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ дар бар мегирад, муайян менамояд.

Аз матни автореферати диссертатсияи Ҳабибуллозода Муҳриддин Ҳабибулло маълум мегардад, ки кори диссертатсионӣ хусусиятҳои муҳими илмию таҳқиқотӣ, инчунин дар амалия татбиқшаванда дошта, мустақилона

иҷро карда шудааст. Дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ, муаллиф омилҳои таъсиррасонандаро ба рушди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар шароити ташаккули иқтисоди рақамиро баррасӣ намуда, роҳҳои самаранок истифодабарии омилҳои мазкурро пешниҳод намудааст.

Муаллиф дар саҳифаи 25-26 уми автореферат дуруст ва ҷолиб қайд намудааст, ки сохтори меъмории ҳукумати электрониро, ки ҳангоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии рақамӣ истифода мешавад, таҳия намуда қисмҳои таркибии он аз интерфейс, меъмории фаъолият, иттилоот, низомҳои барномавӣ, меъмории ҳамгироӣ ва инфрасохтори технологӣ иборат аст дар (расми 6) нишон дода шудааст.

Аз ҷониби муаллиф дар саҳифаи 26-27 уми автореферат ба хотири рушди раванди хизматрасониҳои давлатии электронӣ дар мамлакат механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди онҳо таҳия карда намуда, дар баробари равшан кардани муҳтаво ва сохтор, унсурҳои асосии институтсионалӣ, ташкилӣ ва иқтисодии ин механизм ба низом даровардa шуда, робитаи байни унсурҳои он асоснок намудааст.

Дар автореферат аз ҷониби муаллиф барои таъмини дастёбии пурраи аҳолӣ ба хизматрасониҳои электронӣ як қатор чораҳои заруриро ҷиҳати роҳандозӣ намудан пешниҳод ва асоснок намудааст (Саҳ. 30-31).

Нашри мақолаҳои илмии даврии муаллиф паҳлуҳои мухталифи масъалаҳои хизматрасониҳои давлатии электрониро дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ дар бар мегирад ва муаллиф дар ин масъала 62 мақолаҳои илмии худро нашр намудааст, ки аз онҳо 21 мақола дар маҷаллаҳои нашриявии ба руйхати КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилшаванда нашр шудааст. Илова бар ин, натиҷаҳои кори диссертатсия ва ҷабҳаҳои гуногуни назариявию амалии он дар чорабиниҳои илмии сатҳи гуногун алалхусус, конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ маъруза ва нашр гардидааст.

Ба сифати эрод бояд қайд намуд, ки:

1). Дар тадқиқоти анҷомдодашуда дар миқдори кам аз маводҳои олимони ватанӣ истифода бурда шудааст.

2). Дар кори автореферат механизми ташкилию иқтисодии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии электронӣ пешниҳод гардидааст, вале хуб мешуд, ки агар механизми ташкилӣ ва механизими иқтисодӣ дар алоҳидагӣ шарҳ дода мешуд.

Эродҳои қайд кардашуда хусусияти паст намудани арзиши илмии тадқиқоти диссертатсионии мазкурро надошта, ба натиҷаҳои ба даст овардаи муаллиф таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар маҷмӯъ, автореферати Ҳабибуллозода Мухриддин Ҳабибулло дар мавзуи «Такмили механзими ташкилию иқтисодии хизматрасониҳои давлатии

электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.10. – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ), пешниҳод шудааст ба натиҷаҳои анҷомдодашудаи кори илмӣ мувофиқ мебошад. Рисолаи диссертатсионӣ, бо таваҷҷӯҳ ба натиҷаҳои дар автореферат пешниҳодшуда дар сатҳи баланди илмию амалӣ анҷом дода шуда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгу мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илми доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.10. – Иқтисодиёти савдо ва соҳаҳои хизматрасонӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда,**
Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав» Қурбонзода М.Р.

*Имзои д.и.и., профессор Қурбонзода М.Р. - ро тасдиқ менамоям.*

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав» Нажмидинов М.М.

Суроға:735140 Ҷумҳурии Тоҷикистон вилояти Хатлон шаҳри Бохтар кӯчаи Айни 67.
Тел.: (+992 37) 3222-2-22-53,
Email: bgu-1978@mail.ru; www.btsu.tj;
«15» 08 соли 2026